Тоҷикӣ
Ғ 32
145971.





САМАД ҒАНӢ

АРВОҲ

САМАД ҒАНӢ

АРВОҲ

НАШРИЁТИ „ИРФОН“
Душанбе 1969

Точик 2
Г-32
Государственная
Республ. библ. Таджик. ССР
им. А. Фирдоуси
Точика
Г 32

1—2—4
66—69

САМАД ГАНИ

ПРИВИДЕНИЕ

(на таджикском языке)

Муҳаррир Н. Обидов
Рассом Д. Винокуров
Муҳаррири техникӣ Г. Гуськова
Мусаҳҳеҳон И. Ҳамроев ва Ҷ. Тӯраев

Ба матбаа 14/I-1969 супорида шуд. Ба чопаш 28/X-1969 имзо шуд.
Коғази № 1. Формати 70×90¹/₃₂. Ҷузъи чопӣ 0,58. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 0,45. Адади нашр 8000. Супориши № 89. Нархаш 3 тин.

Душанбе, Нашриёти «Ирфон», кӯчаи Шевченко, 10.
Комбинати полиграфии Комитети матбуоти назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон.

АРВОҲ

Сироҷ Махдум ногаҳон аз олам чашм пӯшиду зани мушфиқу меҳрубони ӯ Руқияхола бева монд. Ин мусибат фиғони Руқияхоларо ба осмон бароварда. Вай ҳарчанд фарьёд кард, мӯй канд ва гиребон чок намуд, суде набахшид.

Дар рӯзҳои аввали азо хешу табори дуру наздик, ёру дӯст ва ҳаққу ҳамсояҳо ҷамъ шуда, ба андӯҳи Руқияхола шарик шуданд. Аммо баъд аз бегоҳи се ҳамаи онҳо як-як, ду-ду баромада рафтанд, ҳавлӣ сел бурдагӣ барин холӣ шуда монд. Руқияхола бошад, дар миёнаи хона танҳо монд.

Сироҷ Махдум дар зиндагиаш раиси комитети маҳалла Неъмат Конторро дӯсти наздик ва беғарази худ шуморида, як қулт обро бе вай намехӯрд. Бинобар он Махдум чанде пеш аз фавташ ӯро ба хона таклиф намуда, обу ош кард ва додари қиёматии худ ва занаш хонда, изҳори хоҳиш карда буд, ки «баъд аз сари ӯ ба ҳамшираш Руқия ғамхору ғамгусор бошад, аз ҳасту несташ хабар гирад, то ки арвоҳи ӯ тинҷ бошад».

Дар рӯзи ҳафтӯми бо обрӯю иззати том ба хок супурдани Махдум Неъмат Контор ба назди Руқияхола омада, бори дигар ҳолпурсӣ кард:

— Хоҳарам, бандагӣ-дия. Дилатонро ин қадар хун накунед. Мурдан қарзи парвардигор аст. Имрӯз не, фардо ин савдо ба сари ҳар кадоми мо меояд. Акнун ба тақдир тан дода, коре кардан даркор аст, ки арвоҳи Махдум шод шавад.

— Бо гирьяю нола, охир, аламамро паст мекунам-дия. Аз дасти банда дигар чӣ меояд?

— Аз ин зиёдаш фоида надорад,— тасаллӣ дод Неъмат Контор.

— Аз мо, дӯстони марҳум, ба гӯши ӯ додду фарьёд не, балки дуою фотиҳа мерасад. Ман ҳар субҳу шом ба арвоҳи бародарам Махдум фотиҳа мехонам.

— Худо ба даргоҳаш қабул кунад. Хайрият ҳам шумо будаед.

— Ин қарзи дӯстӣ, хоҳарам, қарзи дӯстӣ.

— Раҳмат ба шумо,— гуфт Руқияхола ва андаке мулоҳиза намуда илова кард: — Ҳозир сарам сих мондагӣ: камтар нақдина доштем, намедонам онро чӣ кор кунам?

— Чӣ қадар?

— Намедонам. Махдум ҷӯрааттон дар вақти ҳаёт буданашон аз биста зиёд гуфта бударнд.

— Аз биста зиёд? — бо ҳаяҷон пурсид Неъмат Контор ва худро даст гирифта илова кард: — Канӣ биёред, шумурда бинем.

Руқияхола аз ҷой хеста, аз болои санду-

қи дар тахтмон истодагӣ ду-се кӯрпаро гирифту аз мағзи кӯрпаи калоне як рӯймоли мисли бӯғча печондашударо бароварда ба пеши Контор овард.

— Ана, ҳамааш ҳамин. Як қисмаш ба обу такфин ва омадурафт сарф шуд.

Контор рӯймолро ҳарисона кушода, саросемавор ба шумурдан даромад. Вай аввал садию панҷоҳӣ, баъд биступанҷию даҳсӯмиҳоро тез-тез шумурда, боз гашта ба рӯймол печонд ва нафасаш гашта-гашта:

— Бисту ду ҳазору чорсад! — гуфту хомӯш шуд. Ӯ дигар чизе гуфта натавонист, гӯё ки гиреҳи рӯмолча ба гулӯяш дармонд.

—Мондагиаш ана ҳамин,— такрор намуд Руқияхола.— Акнун маслиҳат диҳед, чӣ кор кунам?

— Маслиҳати дӯстона ҳамин ки,— гуфт Контор риши тор-тори худро бо ангуштонаш ба як ҷо ғундошта ва бо лабони худ газида, — ин пулро эҳтиёт кардан лозим. Пул чизи даркорист. Бист ҳазор сӯмашро бурда ба амонаткасса монеду боқимондаашро ба рӯзғор сарф кунед.

— Илоҳӣ барака ёбед, ба ман роҳашро нишон диҳед. Охир ман як зани муштипари чашмбаста бошам... Ҳамин рӯзҳо сари калобаамро тамоман гум карда мондаам.

Рӯзи дигар Неъмат Контор ва Руқияхола ба амонаткасса рафта, бист ҳазор сӯмро ба номи худи Руқияхола гузоштанд. Кампир нафаси сабук кашида дар ҳаққи Контор дуокунон ба хона баргашт ва дафтарчаи амонаткассаро бо маслиҳати Контор пинҳон кард.

Аз байн ду рӯз гузашт. Бевазан бегоҳии ҷумъа барвақттар чароғҳоро даргиронда, хеле вақт машғули кори хона шуд. Соат аз даҳ гузашта буд, ки дар берун шамоли сахте бархост, раъду барқи мудҳише замину осмонро ба ларза андохт. Раъду барқ тарсу ваҳми бе он ҳам зиёди Руқияхоларо афзун кард. Вай бо дили ларзон ва бо чашми ҳаросон ба ҷойгаҳаш даромада, хеле вақт хобаш набурд. Танҳо ними шаб чашми ӯро ғанаб бурд, ки хоби тунуки ӯро гурс-гурси ногаҳонии воҳимадоре парронд. Руқия ҷаста аз ҷой хест ва бо диққат аз роғи дар ба берун гӯш андохт:

— Гурс-гурс! Гум-гум! Гуп-гуп!

Ин садо аз болои бом ба гӯш мерасид. Ҳуш аз сари кампир парид. Вай чӣ кор кардани нашро надониста, ба чаҳор тарафи хона давид, аммо чорае андешида натавонист.

Дили ӯ ба ҳазор кӯча рафта меомад. Ниҳоят вай калимаашро гардонда, таваккалкунон чароғ дар даст ба берун баромад. Осмонро абри сиёҳ фаро гирифта, шаб торик буд ва гоҳ-гоҳ барқ дурахшида, атрофро лаҳзае равшан мекарду боз ихтиёрро ба ҳукми зулмот месупурд.

Руқияхола, ки маҷоли даҳон кушодан ё садое баровардан надошт, ҳамчунон шах шуда, чароғ дар даст меистод. Дар ин вақт аз бом овози хастаи ларзоне ба гӯши ӯ расид:

— Эй завҷаи мӯҳтарама ва эй маҳрами рози ман!

Садои ногаҳонӣ Руқияро бештар ба ваҳ-

шат андохт: дасту пой ва тану дили ӯ ба ларза даромаданд.

— Натарс. Ин ман... ман... — такрор шуд садо аз болои бом.

— Кӣ, охир?.. Поко парвардигоро... Ту ҷин ҳастӣ ё парӣ?

— Ҷин ҳам не, парӣ ҳам не! Ман... арвоҳи шавҳари ту Сироҷ Махдум.

— Арвоҳ? — гуфт зан ва ваҳму ҳарос ба дили ларзони ӯ боз ҳамла овард.

Як ҳайкали сафеди дарозе ки дар лаби бом меистод, дасти худро ба сӯи осмон дароз карда гуфт:

— Ман арвоҳ... арвоҳи ноумед.

— Аз мо чӣ гуноҳ гузашт, ки худо ба ғазабаш гирифта, туро дар ин шаби воҳимаанок ба сари мо фиристод?

— Гуноҳи ману ту барин бандаҳои осӣ!

— Вой гӯр ман шавам, наход барои гуноҳҳои ман ҳам шумо азоб кашеду дар он дунъё бесаранҷом шавед?

— Азоб ҳам гап-мӣ?

— Эй тезтар гап занед: чӣ кор кунам?... Ба мазорҳо хайр кунам, нӯкча гиронам, деги дарвешон монам?

— Не, хайру саховат акнун фоидае намебахшад.

— Пас чӣ илоҷ?

— Гӯш кун, гуфта медиҳам. Имрӯз баъди пурсиш ва қину қасоси зиёде пурсандаҳо монда шуда ба ман ало-ало нигоҳ карданду гузашта рафтанд. Ман деворро дошта, ба зӯр аз ҷой хестаму оҳиста-оҳиста ба берун баромаданӣ шудам. Дар ин лаҳза, як малоикаи

қоматбаланди бадҳайбат, ки посбони дари лаҳад буд, маро нигоҳ дошта гуфт:

— То ба кай азоб кашида хоб мекунӣ?..

— Чӣ чора? Аз дасти ман чӣ кор меояд? — гуфта пурсидам.

Вай қоҳ-қоҳзанон хандиду гуфт:

— Барои ҳамин «Ҷони нодон дар азоб» мегуфтаанд-дия!

Малоика инро гуфту аз дасти ман дошта ба берун бароварда. Эҳе, замин кафида одам баромадааст. Ҳамаи шиносҳои дуру наздик дар ҳамин ҷо. Ҳар кас ӯвораи корубор ва аъмоли худ. Дар як тараф тарозуи калонеро овехта мондаанду лак-лак одамон дар навбат истодаанд. Дар тарафи дигар аз болои дӯзах Пули сирот кашида шудааст, ки вай ба назар аз мӯй борику аз шамшер тез менамояд. Баъзе одамон бо гӯсфанду буз, дигарон бо аспу шутури дар ин дуньё хайркардаашон аз болои Пули сирот гузашта истодаанд. Баъзеҳо гурсосзанон ба ҷаҳаннам сарнагун меафтанду дар оташ месӯзанд ва як қисм одамони хуштолеъ йӯрғакунон аз болои пул гузашта мераванд. Дар назди тарозу ҳам як хел одамон савобу гуноҳашонро баркашонда, мувофиқи коғази ба дасташон додашуда ба ичрои дигар тадбирҳо мекӯшанд.

Ман аз малоикае, ки маро ба ин ҷо оварда буд, пурсидам:

— Барои чӣ баъзеҳо азоб мекашанду дигарон роҳат мекунанд?

— Ҳар касе пулҷон дошта бошад, роҳат мекунаду надошта бошад, дучори азоб мегардад, — ҷавоб дод ӯ.

— Дар он дуньё ҳам пул даркор будааст-дия?

— Эҳ, бе пул як қадам ҳам монда наметавонӣ.

Намедонӣ ки ҳар чо пул ба кор аст,
Ба боғи хулд низ аз пул гузор аст.

— Ман, ки пул надорам, чӣ кор кунам?

— Агар розӣ бошӣ, ман иҷозатнома навишта медиҳам, ба дуньёи фонӣ рафта пулҳоятро гирифта биёр... Пулро ба Мункар-Накир, тарозубон, комендanти дӯзах ва дарбони ҷаннат тақсим карда медиҳем ва камакашро ба кисахарҷии худамон нигоҳ медорем.

— Эҳ, худо хайрашро диҳад, малоикаи раҳмдил будааст, — гуфт Руқияхола. — Акнун чӣ кор кунем?

— Чӣ кор мекардем, ҳамон пулҳои дар дастат бударо оварда деҳ, ки ман рафта даҳони ҳамаи онҳоро равған кунам.

— Вой ман мурам, бо маслиҳати Неъмат Контор пулро ба амонаткасса бурда монда будам.

— Ҳамааш чанд сӯм?

— Бист ҳазор.

— Кам.

— Чӣ кор кунам?

— Баъзе чизҳои ба пул мерафтагиро дар бозор фурӯш. Майлаш, барои ту шуда, боз ба азоби якрӯза тоқат мекунам. Пагоҳ худи ҳамин вақт ба ин ҷо меоям ва мунтазири ту мешавам. Лекин зинҳор ба сад зинҳор ин воқеаро ба касе нагӯй, вагарна ҳар дуямон ба ғазаби худо гирифтор мешавем.

— Ҳаргиз, худо нишон надиҳад.

— Хайр! Паноҳат ба худо.

Арвоҳ оҳиста-оҳиста қафо гашта, дар торикии шаб ғоиб гардид. Руқияхола баъди фурсате ба худ омада, дир-дир ларзида ба хона даромад. Вай тамоми шаб чашм напӯшида, ба дарьёи хаёлот ғӯта зад ва бетоқатона интизори кафидани чашми рӯз шуд. Ҳамин ки субҳ дамид, давида ба хонаи Неъмат Контор рафт. Вале ӯро наёфт. Фикр карда-фикр карда ба ҳавлии ҳамсояшон Ашрафҷон рафт.

Ашрафҷон ба эҳтироми Руқияхола аз ҷой хеста, пурсупос кард:

— Хуш омадед, холаҷон. Чӣ хизмат?

— Як кори зарур афтод, барои ҳамин омадам.

— Хӯш, фармоед, чӣ кор будааст?

— Ба кассаи амонат камтар пули амакатонро монда будам, ҳамонро гирифта медодед.

— Бо ҷону дил. Қанӣ нишинед, як пиёлагӣ чой нӯшем, баъд ҳамроҳ меравем.

— Не, не, тезтар бошед.

Ашрафҷон саросема чойро нӯшида, либос пӯшид ва ҳамроҳи Руқияхола ба касса рафт.

Ҳар ду то таги дари амонаткасса сӯҳбаткунон рафтанд.

— Холаҷон, ҳамин шаб, дар вақти раъду барқ аз хонаатон як овоз мебаромад, кӣ омада буд?

— Ҳеҷ кас не, — гуфт Руқия суханро ба дигар тараф бурда, — эҳтимол ба гӯши шумо ҳамин хел расида бошад.

— Шояд, — гуфт Ашрафҷон ва ҳамин ки ба дари касса омаданд, сӯҳбати онҳо канда шуд. Руқия дафтарчаи амонатиро бароварда:

— Ана, ҳамин пулро гирифта диҳед, — гуфт.

— Ҳамаашро? — бо тааҷҷуб пурсид Ашрафҷон.

— Ақаллан нисфашро гиред, — ба сухан ҳамроҳ шуда, ташвиқот кард коркуни амонаткасса.

— Не, ҳамаашро диҳед.

Коркуни касса ва Ашрафҷон бо тааҷҷуб ба якдигар нигоҳ карда монданд. Руқияхола тамоми пулашро гирифт. То бегоҳ баъзе чизҳои хонаро ҳам фурӯхт ...

* * *

Шабона расо дар соати се бом гурс-гурс садо дод. Руқияхола давида ба берун баромад ва ҳамон манзараи дирӯзаро мушоҳида кард.

— Ассалому алайкум, завҷаи мӯҳтарамаи ман.

— Ассалом, эй нури пок.

— Ман аз ту яки ба ҳазор розӣ. Худо туро дар паноҳи исматаш нигоҳ дорад. Ҳамаи рӯҳу арвоҳҳо аз ту розӣ. Нардбонро ана ба ин ҷо мон, вале гуфтаҳои маро такрор накун, аз ман ҳеҷ чиз напурс, чароғ нагирон, ба ман даст нарасон ва чашматро пӯшида ба хона даро, ки ҳамаи тоату ибодати кардаамон барбод меравад.

— Хуб шудааст, — кампир нардбонро монда, ба хона даромад. Аз паси вай арвоҳ

низ «бисмиллоҳ-бисмиллоҳ» гӯён ба хона дохил шуд.

Арвоҳ акнун дар торикӣ даст-дасткунон пулҳоро гирифта ба киса андохта истода буд, ки дари хона бо шиддат тақ-тақ шуд. Ҳар ду як қад парида, бо тарс «кӣ вай?» гуфта пурсиданд. Аз берун садое шунида шуд:

Ман, арвоҳи дуйӯми Сироҷ Махдум. Дарро кушоед.

— Сироҷ Махдум! — гӯён Руқия ба девор такья карда беҳуш шуд.

Арвоҳ ҷаста аз ҷо хеста, аз тиреза баромаданӣ шуд, ки як кас аз он ҷо чароғчаи дастиро даргиронида хитоб кард:

— Истед, арвоҳи ноумед!

Арвоҳ ба тарафи дари дигар давид. Вале аз он ҷо ҳам касе чароғчаи дастиро даргиронида, пеши роҳашро гирифт ва:

— Биист, эй рӯҳи нопок! — гӯён амр дод.

Аз ҳар дар одамон даромада, аз сари арвоҳ пардаи сафедро кашиданд. Арвоҳ ҳарчанд рӯяшро бо панҷаҳояш пинҳон кунад ҳам, акнун кӣ будани ӯро шинохтан душвор набуд. Руқияхола бо «ҳаёҳуи» одамон ба ҳуш омада, ин ҳолатро дид ва якбора хитоб кард:

— Неъмат Контор? Шумо?

— Найрангатон нагузашт, Контор, — гуфт Ашрафҷон ва аз гиребони ӯ гирифт.

Забони Неъмат Контор гирифта, чизе гуфта натавонист. Руқияхола бошад, бо ғазаб гуфт:

— Арвоҳ занад, хонаат сӯзад, Контор!

Сталинобод, декабри с. 1955.

ҚОЗӢ ВА ҚОЗИХОНА

Як гурӯҳ хонандагони журнал ба Хорпуштак саволнома фиристода, хоҳиш намуданд, ки оид ба қозию қозихона ба якчанд саволи онҳо ҷавоб диҳад.

Дар поён ҷавоби Хорпуштакро ба диққати онҳо мерасонем:

Аз рӯи маънидоди луғатҳои маъруф ва мӯътабар маънои қозӣ ҳукмкунанда аст. Ба ривояти дигар, маънои калимаи қозӣ «судья» мебошад. Вале ин аз судьяҳои халқии мо, ки хизматгорони ҳақиқии халқ ҳастанд, аз замин то осмон фарқ дорад.

Маънои аслии қозӣ поймолкунандаи ҳуқуқ ва адолат, паҳнкунандаи разолат, харобкунандаи хонаи мардум, ҷорикунандаи фисқу фасод аст. Қозихона — маҳкамаи қозӣ, яъне идораи қозӣ, маркази фисқу фуҷур ва разолат аст.

Шоири ҳаҷвнависи халқи тоҷик Убайди Зоконӣ дар рисолаи «Даҳфасл»-и худ менависад: «Алқозӣ — он ки ҳама ӯро нафрин кунанд. Чашми қозӣ — зарфе ки бо ҳеҷ чиз пур нашавад. Ноиби қозӣ — он ки вичдон на-

дорад» ва ҳоказо. Вай ҳаққонӣ навишта буд, ки ришва — корсози бечорагон бо қозиҳо, вакил (миёнарав) ботилгардонандаи ҳаққи мардум аст. Соҳибдилон қанори пахтаро ба саллаи қозию машк ва хумро ба шиками он ташбеҳ мекунанд ва маслиҳат медиҳанд, ки таому шаробро ҳаргиз танҳо нахӯред, зеро ки ин шеваи корсозии қозиён аст.

Бале, қозиҳо ана ҳамин хел махлуқанд. Дар замони аморати Бухоро ва ҳукмронии подшоҳӣ ягон касеро пайдо кардан мумкин набуд, ки аз қозию қозихона розӣ бошад. Ҳама аз дасти онҳо ба дод омада буданд. Қозиҳо ба кисаю дастор нигоҳ карда ҳукм мебароварданд.

Ҳикоят мекунанд, ки рӯзе аз рӯзҳо ҷанҷоли Мушфиқӣ ба қозӣ афтод ва дид, ки бе пора кор пеш намеравад, пас як кӯзаи дугӯшаи равғанхӯрдаро то гарданаш пур аз лой кард ва андак равғани дунбаи обкардаро аз болои он рехта, даҳони кӯзаро бо латта баст-ту бурда ба қозӣ пешкаш намуд.

Қозӣ бо гирифтани ин кӯзаи пурравған кори Мушфиқиро мувофиқи табъи вай дуруст карда, ҳукмномае навишта мӯҳр зада дод.

Фардои он рӯз қозӣ ба занаш фармуд, ки аз равғани Мушфиқӣ як палави серравған пазад. Зани қозӣ дегро ба оташдон гузошта, хост, ки бо кафгир равған гирад, як парда равған, дигар ҳама лой баромад. Вай ин ҳолро ба шавҳараш маълум кард.

Қозӣ донист, ки Мушфиқӣ ӯро фиреб додааст, зуд мулозими худро ҷеғ зада гуфт:

— Ба пеши мулло Мушфиқӣ рав ва ба ӯ гӯй, ки «дар ҳукмномаи дирӯза як саҳв рафтааст, онро гардонда диҳед, ки эшони қозӣ аз сари нав дуруст карда медиҳанд».

Мулозим рафта ин ҳолро ба Мушфиқӣ фаҳмонд.

Мушфиқӣ ба мулозим ин гуна ҷавоб гардонд:

— Рафта ба ҷаноби шариатпаноҳӣ гӯед, ки бояд саҳв дар кӯзаи равған рафта бошад, на дар ҳукмнома.

Баъзе одамони соддалавҳ «қозиҳо аз тарафи халқ интихоб мешуданд? — гӯён ба доми фиреб меафтоданд. Ва ҳол он ки он вақтҳо «қозиинтихобкунӣ» ба номаш буда, ҳар касе ки пули бисьёр дошт ва косалеси қозикалону амалдорон буд, бе ҳеҷ гуна интихоб қозӣ таъин мешуду баъд ҳар як номаъқулии хостаашро кардан мегирифт. Дар омади гап гуфтан ҷоиз аст, ки дар замонҳои қадим аз вилояти Хуҷанд (Ленинободи ҳозира) шахсе ба ҳокими шаҳр як харро пора дода қозӣ шуд. Аз шоирони хуштабъи он замон Абдулҳақ дар ҳаққи он қозӣ ва садри шаҳр гуфтааст:

Ҳамегашт дар шаҳр шахсе зи Хуҷон,
Ки қозӣ шавад,
Садр розӣ намешуд,
Харе дод бар садру қозӣ шуд охир,
Агар хар намебуд, қозӣ намешуд.

Ҷавонони саодатманди советӣ, ки ҳаёти талхи гузашта ва қозию мозиҳоро ҳатто дар хоби шаб надидаанд, ҳақиқати нақлкардаамонро тасаввур ҳам карда наметавонанд.

Аммо куҳансолон, пирони доною ҳушманд, ки талхию ширинии зиндагиро чашида, аз ҳаёти кӯҳна ва кирдори разилонаи қозиҳо ҳолдонанд, метавонанд инро бо ҳазорон-ҳазор мисол нақл карда диҳанд.

Мо хушбахтем, ки қозию қозихонаҳоро бо якҷоягии шоҳу амирон, бою истисморкунандагон ба таҳти сад ман хок гӯрондаем.

Сталинобод, декабри с. 1955.